# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе 2026. – 39 саҳ.)**

Дар замони вусъатёбии бунёди иншооти атомӣ дар давлатҳои минтақа, эҳтимолияи хориҷшавии маводҳои радиоактивӣ аз анборҳои муҳршуда, ба вуқуъ пайвастани заминларзаҳои баландшиддат, селу тармафаройӣ, эҳтимолияти кандашавии обанборҳои калонҳаҷм, сухтору садамаҳои техногенӣ ва дигар оқибатҳои зараровари табиӣ ва техногенӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз чунин таҳдиду хатарҳо эмин нест, кашфи механизм, шакл ва усулҳои самараноки ҳимояи ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон ва молу мулки шахсиву ҷамъиятӣ ва дар ҳамин масир таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ба яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар замони муосир табдил ёфтааст. Аз ин лиҳоз, мавзуи матраҳшуда, мубрам, саривақтӣ ва зарурӣ арзёбӣ мегардад.

Дар ҳақиқат ташкили идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, ташаккул ва татбиқи доираи васеи тадбирҳои ба ҳам алоқаманд ва ҳамоҳангшудаи маъмурию ҳуқуқӣ, аз ҷумла, такмили ҳамкории мутақобила бо дигар ниҳодҳои давлатиро талаб менамояд.

Бояд зикр намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба тасвиб расидаанд, ки фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, бахусус, ташкили фаъолияти ҳамкории байни субъектони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногениро ба танзим медароранд. Аммо дар стратегия ва барномаҳои ислоҳоти милитсия, ба дурнамои фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ, вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ диққати зарурӣ матраҳ нагардидааст.

Аз ин лиҳоз, бо таври маҷмӯан баррасӣ кардани асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар субъектони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Махсусан, бояд иброз дошт, ки дар натиҷаи ба роҳ мондани таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснокии илмии роҳҳои беҳтарини истифодаи таҷриба дар самти таҳқиқшаванда ба даст оварда мешавад.

Дар иртибот ба ин, Нуруллозода Меҳрулло масоили ҷойдошта ва ҳалталаби ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо дигар субъектони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногениро бо таври комплексӣ баррасӣ намуда, нукта, хулоса, тавсия ва дигар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро пешниҳод кардааст, ки онҳо метавонанд дар такмили қонунгузории соҳавӣ ва фаъолияти амалии мақомоти дахлдори давлатӣ ба таври васеъ истифода карда шаванд.

Аз мазмуни автореферати диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» бармеояд, ки пажуҳиши муаллиф дорои аҳаммияти муҳими илмӣ дошта, дар он қонунгузории соҳавии миллӣ, минтақавӣ, барнома ва стратегияҳои давлатӣ, таҷрибаи пешрафтаи хориҷӣ, андешаҳои муқтадири олимони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ, назарияи идоракунӣ, сотсиологияи идоракунӣ, идоракунии МКД дар шароитҳои махсус ва дигар таълимоти ба онҳо алоқаманд ба таври комил мавриди омӯзиш қарор дода шуда, таклифу хулосаҳои манфиатпазир дар самти ташкили фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ва мукаммалсозии қонунгузории соҳавӣ манзур шудаанд, ки аз мустақилияти илмӣ ва эҷодии муаллиф шаҳодат медиҳад.

Мубраммияти таҳқиқоти муаллиф дар нуктаҳои зайл арзёбӣ мегардад:

1. Мавзуи интихобнамудаи муаллиф, баҳри ҳалли муаммоҳои марбут ба ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо дигар субъектони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ мусоидат намуда, заминаҳои илмӣ ва назариявии боэътимодро ҷиҳати омодасозӣ ва идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ мегузорад. Бешак, хулоса ва нуктаҳои илмие, ки аз ҷониби муаллиф коркард карда шудаанд, дар рушди илм оид ба фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат карда, барои пажуҳишҳои минбаъдаи олимони ватанӣ заминагузор мебошанд.

2. Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда дар заминаи мавзуи илмии кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД ҶТ «Идоракунии муосири фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳимояи ҳуқуқ барои солҳои 2021-2025» таҳия гардидааст.

3. Натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомадаро метавон, дар мукаммал намудани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ», «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон», «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» ва дигар қонунгузории соҳавӣ бо таври васеъ истифода бурд.

4. Таърифи мафҳумҳои «шароитҳои махсус», «сохтори ташкилӣ» ва «омодагии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» метавонанд, ки ба таври расмӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ мустақар карда шуда, заминаҳои бунёдии танзими муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ташкил диҳанд.

5. Хулоса ва пешниҳодҳои хусусияти консептуалидоштаи муаллиф вобаста ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ҷавобгӯи таҳдиду хатарҳои муосир буда, барои фаъолияти амалии мақомоти давлатӣ манфиатпазир мебошанд.

Сохтори таҳқиқот системавӣ ва мантиқӣ буда, пурра бо ҳадаф ва вазифаҳои матраҳгардида мувофиқат мекунад. Ифодаи возеҳи мақсади тадқиқот, мушаххас кардани вазифаҳо, асосноккунии далелҳои пешниҳодшуда барои дифоъ ва дигар бардоштҳои илмӣ дар ҳар як боби рисола фаҳмиши куллӣ ва пайвастаи мавзуи таҳқиқотро таъмин менамоянд.

Дар баробари натиҷаҳои илмии боэътимоди бадастомада дар таҳқиқот масъалаҳои баҳснок низ ҷой доранд. Масалан, муаллиф дар зербоби 3-юми боби дуюм зикр менамояд, ки Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ баромад менамояд. Дар ҷойи дигар бошад, дарҷ гардидааст, ки тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда, вобаста ба бехатарӣ аз сӯхтор, Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми мақомоти давлатиро амалӣ месозад. Яъне, чунин раванд аз номутаносибии системаи идоракунии давлатӣ вобаста ба пешгирӣ ва рафъ намудани ҳолатҳои фавқулодаи техногенӣ шаҳодат медиҳад, ки равшаннамоии мавқеи муаллифро ҳангоми ҳимояи ошкорро тақозо менамояд.

Албатта, эроди манзуршуда хусусияти мубоҳисавӣ дошта, мазмуну муҳтавои пажуҳиши илмиро коста намегардонад.

Автореферати рисолаи диссертатсионии Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» ба талаботи авторефератҳои рисолаи номзадӣ ҷавобгӯ буда, бо аҳаммияти бешубҳаи илмии худ фарқ мекунад.

Мундариҷаи автореферат ба мо имкон медиҳад то ба хулосае оем, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи зикршуда дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ аст. Рисола бо дарки амиқи назариявии масъалаҳои баррасишуда ва самти амалии

возеҳи хулосаҳояш фарқ мекунад, ки аҳаммияти баланди илмӣ ва амалии онро собит месозад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, бо пуррагӣ мувофиқат мекунад.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

**Муқарриз:**

дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ — Каримов Ҳ.М.

«25» ____08____ 2026

Имзои "Каримов Ҳ.М."-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Насурдинзода А.Н.

«25» ____08____ 2026

**Суроғаи муқарриз:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: (+992) 93-520-1977. E-mail: hussein77@mail.ru